**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
______________ Раҳмон Д.С.
«__19__» ___09___ с. 2022

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Диссертатсияи докторанти PhD-и Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи **«Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа мутобиқат менамояд.

Дар давраи таҳия намудани диссертатсия Камолов Шодмонҷон Валихонович докторанти PhD аз рӯйи ихтисоси фалсафа дар назди кафедраи фалсафаи ДДК ба номи А.Рӯдакӣ маҳсуб меёфт. Ҳамзамон дар кафедраи мазкур аз соли 2016 ҳамчун ассистент ва аз соли 2020 инҷониб ҳамчун муаллими калон фаъолият мекунад.

**Роҳбари илмии** Камолов Ш.В. доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ибодов Маҳмадулло Орифович мебошад.

Диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмиест, ки дорои аҳамияти назариявию амалӣ мебошад. Диссертатсия дар ҷаласаи васеи раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия дода шуд ва чунин хулоса пешниҳод гардид:

Муаллиф дар пажуҳиши мавзӯъ таъкид намудааст, ки дар чоряки охири асри XX ва ибтидои асри XXI инсоният ба давраи нави рушди худ - марҳилаи бунёди ҷомеаи иттилоотӣ қадам ниҳодааст. Ҳамзамон, бо рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ба амал омадани инқилобҳои иттилоотӣ ва бо пайдоиш, гузариш ва диққати махсус ба ифодаи ҷомеаи иттилоотӣ, ки шиори асри мо гаштааст, мафҳуми иттилоот муҳаққиқони ҳама самтҳоро аз табиатшиносӣ то гуманитарӣ ба худ ҷалб намудааст. Олимон ва коршиносон муайян

намудаанд, ки технологияҳои иттилоотии муосир ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонӣ реша давонда, ба таври муттасил муҳити моро дигаргун месозанд. Ҳамзамон, афзоиши нақши соҳаи иттилоотӣ, роҳҳои автоматикунонии он ба бунёди компютерҳо, Интернет ва дар маҷмуъ ба иттилооткунонии тамоми ҷомеа ва дар навбати худ ба пайдоиши консепсияҳои фалсафӣ-иҷтимоӣ ва футурологии «ҷомеаи иттилоотӣ»-и имрӯза оварда расонидааст. Дар ин замина, иттилоот ва хосиятҳои он объекти таҳқиқи соҳаҳои гуногуни илм аз табиатшиносӣ то гуманитарӣ гардида, ба мафҳуми калидии манзараи муосири илмии олам мубаддал гаштааст ва бе фаҳмиши моҳияти асосии он тасаввуроти мо нисбати воқеият ботил ва ғалат менамояд.

Ҳаёти имрӯзаи инсонро бе иҳота ва истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ тасаввур кардан номумкин аст. Воқеияти иттилоотии муосир ва тағйироти ба он вобаста дар таҳаввулоти минбаъдаи инсон нақши беназирро бозида истодаанд. Ба андешаи муҳаққиқон, имрӯзҳо технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ имкон медиҳанд, ки қобилиятҳои эҷодии инсон бо имкониятҳои эҷодии низомҳои кибернетикӣ ва компютерҳо муттаҳид гарданд. Дар баробари ғояи пайдоиши одами нав – киборг (омехтаи одаму МЭҲ), олимон ва муҳаққиқон масъалаи ташаккули ҳомо интеллигенс ва ҳомо электроникусро ба миён гузоштаанд. Ин ҳолат метавонад дар оянда ба шаклҳои рафтор, фаъолияти иҷтимоӣ, тарзи зист, инчунин ба таҳаввулоти сотсиотехникӣ ва антропологии инсон таъсири ҷиддӣ расонад. Пас, саволе ба миён меояд, ки рушди босуръати техника ва технология, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ инсониятро дар оянда ба куҷо мебаранд? Ё худ дар зери таъсири ин омил, инсон моҳияти биологии худро дар оянда нигоҳ дошта метавонад ё не? ва дигар саволҳо, ки то ҳол мутаассифона номуайян мондаанд. Таҳқиқу пажуҳиши саволҳои мазкур низ яке аз масъалаҳои калидии фалсафа ва илми муосирро ташкил додаанд.

Имрӯз мо шоҳид ва иштирокчии фаъоли давраи нави прогресси иҷтимоӣ – ташаккули ҷомеаи нави иттилоотии глобалӣ мебошем. Ҷомеаи нави иттилоотӣ имконияти арзишмандро барои баланд бардоштани ташкили ҳаёт, сифати зиндагӣ ва рушди қобилиятҳои нави эҷодӣ муҳайё месозад. Ин ҳолат ташаккули фалсафа ва ҷаҳонбинии нави иттилоотиро тақозо дорад. Инсони муосир худро бошандаи на сотсиосфера, балки инфосфера – муҳити иттилоотӣ эҳсос менамояд. Дар ин замина, манзараи иттилоотии олам ҳамчун ҷавҳари ҷаҳонбинии нави илмӣ дар мафкураи одамон мақоми марказӣ касб намуда истодааст.

Ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ ва тағйироти ба он вобаста дар рушди ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҳаёти ҷомеаи мо, бахусус, ҷавонон нақши боризро бозида истодааст. Ташаккули ҷаҳонбинии мазкур на танҳо барои ҷавонон, балки барои кулли сокинони солимфикри ҷомеаи имрӯза зарур мебошад. Воқеияти иттилоотии имрӯза нишон медиҳад, ки ҳеҷ як инсон, аз ҷумла шахси ҷавон аз таъсири пуршиддати омили иттилоотӣ дар канор буда наметавонад. Ин ва дигар мушкилоте, ки дар раванди омӯзиши фалсафаи иттилоот ба миён меоянд, мубрамии таҳқиқоти мазкурро муайян мекунанд.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмии муаллиф ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мувофиқат менамояд.

## ИНТИШОРОТИ НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА-и назди Президенти ФР нашр шудаанд:**


1. Камолов Ш.В. Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ [Матн] / Ш.В. Камолов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2019. – №9. – С. 233-238. ISSN 2074-1847;
2. Камолов Ш.В. Таҳлили фалсафӣ ва умумиилмии мафҳуми иттилоот [Матн] / Ш.В. Камолов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2019. – №10 (2). – С. 134-139. ISSN 2074-1847;
3. Камолов Ш.В. Информация как ключевое понятие в понимании современной научной картины мира [Текст] / М.О. Ибодов, Ш.В. Камолов // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. – 2020. – №7 – С. 152-156. ISSN 2074-1847;
4. Камолов Ш.В. Иттилоот ва таҳаввулот [Матн] / М.О. Ибодов, Ш.В. Камолов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. –2021. – №8. – С. 139-144. ISSN 2074-1847;
5. Камолов Ш.В. Фаҳмиши мафҳуми таҳаввулотгароии универсалӣ дар манзараи муосири илмии олам [Матн] / М.О. Ибодов, Ш.В. Камолов, А.С. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2022. – №2. – С. 101-107. ISSN 2074-1847;
6. Камолов Ш.В. Таъсири иттилоот ба таҳаввулоти ояндаи инсон [Матн] / М.О. Ибодов, Ш.В. Камолов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2022. – №8. – С. 103-113. ISSN 2074-1847;


**Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи Конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ**


7. Камолов Ш.В. К проблеме информационной компетентности преподавателя вуза [Текст] / Ш.В. Камолов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Муаммо ва дурнамои ташаккули салоҳияти касбӣ-

педагогии омӯзгори оянда» (ш. Хуҷанд, 24 майи соли 2019). – Хуҷанд, – 2019. – С. 24-28. ДДХ ба номи Б.Ғафуров;
8. Камолов Ш.В. Девиантное поведение молодёжи и формы его проявления [Текст] / Ш.В. Камолов / Сборник республиканской научно-практической конференции «Ценностные ориентации современной молодежи в условиях светского демократического государства: особенности и тенденции» (г. Душанбе, 28 ноября 2018 г.). – Душанбе, – 2019. – С. 116-126. РТСУ;
9. Камолов Ш.В. Иттилоот ва таҳаввулот [Матн] / М.О. Ибодов, Ш.В. Камолов / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Ғояи таҳаввулотгароии умумиҷаҳонӣ дар фалсафаи илми муосир» (ш. Кӯлоб, 20 ноябри соли 2020). – Кӯлоб, – 2020. – С. 13-21. ДДК ба номи А.Рӯдакӣ;
10. Камолов Ш.В. Информация как ключевое понятие в понимании современной научной картины мира [Матн] / Ш.В. Камолов / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Ғояи таҳаввулотгароии умумиҷаҳонӣ дар фалсафаи илми муосир» (ш. Кӯлоб, 20 ноябри соли 2020). – Кӯлоб, – 2020, – С. 50-58. ДДК ба номи А.Рӯдакӣ;
11. Камолов Ш.В. Природа информации: материальные и идеальные аспекты [Матн] / Ш.В. Камолов / Маводи конференсияи илмӣ-назариявии умумидонишгоҳӣ дар мавзуи «Пешвои миллат интихоб ва ифтихори тоҷикон» (ш. Кӯлоб, 16 ноябри соли 2020). – Кӯлоб, – 2020, – С. 160-164.
12. Камолов Ш.В. Назари фалсафӣ ба иқтисодиёти иттилоотӣ ва виртуалӣ [Матн] / Ш.В. Камолов, Т.З. Мирзоев / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Илми бунёдӣ – асоси такмили технологияҳо ва маводҳо». – Душанбе, – 2021, – С. 138-142. АМИТ МТТИ;
13. Камолов Ш.В. Нақши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолгардонии раванди таълим [Матн] / М.О. Ибодов, Ш.В. Камолов / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Навгониҳо дар таҳсилоти олии касбии муосир» бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Кӯлоб, 19 марти соли 2021). – Душанбе, – 2021, – С. 271-274. ДДК ба номи А.Рӯдакӣ;
14. Камолов Ш.В. Афзоиши омили иттилоотӣ ва таъсири он ба таҳаввулотиояндаи инсон [Матн] / М.О. Ибодов, Ш.В. Камолов / Маҷмуаи маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Диалог науки и философии в XXI веке» (ш. Душанбе, 21 апрели соли 2022). – Душанбе, – 2022, – С. 146-156. ДСРТ;
15. Камолов Ш.В. Человек как объект и субъект глобальных проблем [Текст] / Ш.В. Камолов, Ч.К. Рашидов / Сборник материалов республиканской научно-практической конференции «Диалог науки и философии в XXI

веке» (г. Душанбе, 21 апреля 2022г.). – Душанбе, – 2022, – С. 139-146. РТСУ.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои назариявӣ, натиҷаҳои дастрасшуда дар коркарди асосҳои фалсафӣ ва методологии консепсияҳои иттилоотӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ саҳми хешро мегузорад. Рисолаи таҳқиқотии пешниҳодшуда барои бунёди тасаввуроти амиқ дар бораи воқеияти иттилоотӣ, мушкилот, равияҳо ва зиддиятҳои гуногуни ҷойдошта дар ин ҷода мусоидат менамояд. Натиҷаҳои бадастомадаи кори илмӣ-таҳқиқотӣ метавонанд дар рушди минбаъдаи коркардҳо, инчунин, дар муайян намудани равишҳои фанҳои нави фалсафаи иттилоот ва информология истифода карда шаванд. Маводи таҳқиқотии дастрасшуда метавонад шаҳрвандони Тоҷикистон, аз ҷумла, ҷавононро аз таъсири ахбору иттилооти манфӣ ҳифз кунад. Инчунин, аҳамияти илмӣ-амалии рисолаи таҳқиқотӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таълими фанҳои фалсафа, фалсафаи табиатшиносӣ, фалсафаи илм, фарҳангшиносӣ, антропология ва ғайра истифода кард.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои муаллиф ба воситаи илмияти диссертатсия, методология ва методҳои истифодашуда, адабиёти илмии истифодашуда ва аз ҷониби муаллиф мустақилона мавриди омӯзиш қарор гирифтани мавзуи таҳқиқотӣ асоснок карда мешавад. Муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар шакли мақолаҳои илмӣ чоп намудааст. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор меравад. Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро пурра ифода менамояд.

Саҳми шахсии докторанти дарёфти дараҷаи илмӣ дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумоти бадастомада, коркарди муқарраroти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи докторант ба шумор мераванд.

Камолов Шодмонҷон Валихонович аз уҳдаи анҷом додани таҳқиқоти илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузошташударо пурра иҷро намудааст. Диссертатсия кори илмию таҳқиқотии мустақилона анҷомдодашудаи муаллиф мебошад, ки дар омӯзиши минбаъдаи илмҳои фалсафа, фалсафаи иттилоот, информология, инчунин ташаккули манзараи нави илмии олам саҳми арзанда

мегузорад. Таҳқиқоти мазкур дар илмҳои фалсафӣ иқдоми хеле муҳим ба шумор рафта, барои ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ, эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз таъсири пуршиддати омили иттилоотӣ, баланд бардоштани донишҳои нави илмӣ ва рушди қобилиятҳои нави эҷодӣ дар онҳо аҳамиятнок мебошад.

Аз натиҷаҳои муҳокима,

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи: «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-29 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси васеи раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул гардидааст.

Дар маҷлис 14 иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 14 - нафар, «муқобил», - нест, «бетараф» - нест.

Протоколи №1/2 аз 15 сентябри соли 2022.

**Қарор қабул карда шуд: якдилона.**

| | |
|---|---|
| Раиси маҷлис:<br>Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: | Рафиев Сафархон Аюбович |
| Котиби илмӣ: | Сулаймонов Убайдулло |
| Муқарризон:<br>Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент: | Муродова Гулчеҳра Рӯзибоевна |
| Номзади илмҳои фалсафа, дотсент: | Садуллоев Мадисо |

Имзои Рафиев С.А., Сулаймонов У., Муродова Г.Р. ва Садуллоев М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ-и ДДК ба номи А.Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.:(+992 3322) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj